# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (Душанбе–2025) .

Шеъри тоҷик дар давраи нав аз солҳои 60-70-уми садаи ХХ сар карда аз лиҳози мундариҷа ва муҳтаво ба тағйироти куллӣ дучор гардид. Дар эҷодиёти шоироне чун Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Ҳабибулло Файзулло мавзуъҳои ифтихори миллӣ, масъулияти ватандорӣ, таърихи фарҳангу миллат ва анъанаҳои мардумӣ мавқеъ пайдо карданд ва яке аз шоироне, ки чи дар давраи шуравӣ ва чи дар айёми Истиқлол, ҳам дар шаклҳои суннатӣ ва ҳам дар шаклҳои нави шеърӣ асарҳои зиёд эҷод кардааст, Алимуҳаммад Муродӣ мебошад.

Саъдуллозода И. С. дар се боби диссертатсия аввал оид ба зиндагиномаи А. Муродӣ сухан ронда, баъд ба таҳлили мундариҷавӣ ва шакли ашъори шоир мепардозад ва бояд гуфт, ки бори аввал ашъори пурмуҳтавои шоир дар шакли диссертатсияи номзадӣ пешниҳод мешавад.

Аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, ки шоир ҳанӯз аз маҷмуаи аввал бо номи «Дастниҳол» (1983) кӯшиш мекунад, андешаҳои худро бо забони фасеҳ ва муҳтавои арзишнок ба хонанда расонад ва меҳнати бурдборонаи эҷодӣ дар маҷмуаҳои минбаъда, чун «Нози Наврӯз», «Роҳи руҳ», «Чароғи рӯзадор», «Хайрбоди баҳор», «Боғи мурод», «Сумбулкон», «Шафақи шом» боиси ба дараҷот такмил ёфтани маҳорати қаламкашии шоир мегардад. Як хусусияти эҷодиёти А. Муродӣ, ба гуфти унвонҷӯ, дар он аст, ки шоир дар ҳар маҷмуааш кӯшиш мекунад, ки шеърҳои дар маҷмуаҳои пештарааш ҷой доштаро истифода накунад. Умуман, шоир бештар ба мазмуни навиштаҳояш таваҷҷуҳ менамояд ва ин тарзи эҷодкорӣ боиси он гардидааст, ки ӯ ба эҷоди шеърҳои кӯтоҳ рӯ орад. Шеърҳои кӯтоҳи шоир баъзан се, баъзан ду, баъзан як мисраъ мебошанд ва зиёдтар мазмунҳои фалсафӣ ва пандуахлоқӣ доранд. Диссертант андешаҳои худро бо мисолҳо тақвият медиҳад:

Дар пойгаҳи зиндагӣ давидан дорем,
Мо аз паси зиндагиву марг аз паси мо.

Ё худ: Аз оташи хори хушк гул месӯзад.

Ба қавли унвонҷӯ, «дар ин гуна шеърҳо тасвир мавқеи марказӣ дорад. Дар ашъори А. Муродӣ ин навъи шеърӣ 702 адад аст ва аз онҳо

209 ададашро шеърҳои хусравонӣ ва 493 ададашро навхусравонӣ ташкил медиҳад» (автореферат, с. 19).

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои жанрии ашъор ва ҳунари нигорандагии шоир» номгузорӣ шудааст ва дар он ҳам дар жанрҳои суннатӣ, чун ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, маснавӣ, тарҷеот, мусаммат ва ҳам дар жанрҳои шеъри нав, чун чаҳорпора, нимоӣ, шеъри сафед сухан меравад. Дар байни ин жанрҳо ғазал ва рубоӣ мавқеи калон доранд. Дар ин боб оид ба вазнҳои шеъри А. Муродӣ низ сухан меравад ва мувофиқи таҳқиқот дар шеъри шоир вазнҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, музореъ, хафиф, мутақориб, муҷтас истифода шудаанд. Унвонҷӯ ҷадвале тартиб додааст, ки дар он шумораи дақиқи ба вазнҳои гуногун эҷодкардаи шоир нишон дода шудааст.

Чизи дигаре, ки дар автореферат ҷолиби диққат аст, таҳлили воситаҳои тасвири бадеӣ, чун ташбеҳ, истиора, маҷоз, ташхис, талмеҳ, тазод мебошад. Унвонҷӯ ба ин восита ҳунари нигорандагии А. Муродиро муайян кардааст. Маълум мешавад, ки шоир махсусан дар истифодаи истиора, ташбеҳ, талмеҳ ва тавсиф маҳорати баланд зоҳир намудааст. Талмеҳҳои шоир чун Фирдавсӣ, Ҳофиз, Мусалло, Масеҳо, Шаҳрзод, Маздак, Бохтар, Рухшона, Рустам, Фарҳод ва ғайра дар ифодаи мазмунҳои фалсафӣ, ишқӣ ва иҷтимоии ашъори шоир мусоидат карда, ҷанбаи миллӣ ва ахлоқии нигоришоти шоирро тақвият бахшидаанд.

Аз тадқиқот бармеояд, ки А. Муродӣ дар истифодаи забони зиндаи халқи тоҷик маҳорати комил дорад ва ин ҳолат як ҷиҳати фарққунандаи услуби фардии шоир мебошад.

Ба андешаи мо, кори диссертатсионии унвонҷӯ Саъдуллозода Исматулло мавзуи нав ва ҷолиб буда, он ба қадри зарурӣ аз лиҳози мундариҷа ва муҳтаво ҳаллу фасл гардидааст. Дар баробари ин дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар расид. Масалан, тарҷумаи русии дубайтии:

Агар сад лайлаин душман бихонад,
Ба рӯйи чашму мижгонат нишонад.
Туро охир газад чун даст ёбад,
Ягон саг аз сагии худ намонад.

мазмуну муҳтавои аслро дуруст ифода карда наметавонад (ниг. ба с. 26 автореферат).

Ҳамчунин дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва грамматикӣ мушоҳида шуд: нишонат–26 не, нишонад; пайаҳа–22 не, пайраҳа; бараъло–15 не, баръало…

Умуман, мундаричаи автореферат моро водор мекунад ба хулосае оем, ки диссертатсияи унвончӯ Саъдуллозода Исматулло Саъдулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ (аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. –Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Раҳмонов Мадислом Мадисоевич

«26» августи соли 2025

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Зайнабобод
деҳаи Файзоба, хонаи 235
тел: (+992) 985444408
E-mail: manzura_khasanova@mail.ru

Имзои Раҳмонов М.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

«26» августи соли 2025

Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Нахимов 64/14,
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон.
Телефон (+992) 2310201
E-mail: www. tgfeu.tj